БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

«Тасдиқ шудааст»
Бо Фармони Директори ҶСДММ
«Спитамен Суғурта»
____________ Мурватов Б.Н
аз «05» марти 2020 сол, №06/1

# ҚОИДАИ СУҒУРТАИ ИХТИЁРИИ ҶАВОБГАРИИ ГРАЖДАНИЮ ҲУҚУҚӢ ДАР НАЗДИ ШАХСОНИ СЕЮМ

Душанбе - 2020

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Қоидаи суғуртаи ихтиёрии ҷавобгарии граждании ҳуқуқӣ дар назди шахсони сеюм (минбаъд «Қоида» ва ё «Қоидаи суғурта» номида мешаванд) мутобиқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард гардидаанд.

1.2. Дар асоси Қоидаҳо ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамъияти суғуртавии дорои масъулияти маҳдуди «Спитамен Суғурта», ки минбаъд Суғуртакунанда номида мешавад, Шартномаҳои суғуртаи масъулияти шаҳрвандиро аз рӯи уҳдадориҳо, дар натиҷаи расонидани зарар ба ҳаёт, саломатӣ, коршоямӣ ва ё молумулки шахсони сеюм (минбаъд «Шартномаи суғурта» ва ё «Шартнома») ба миён оянда бо шаҳрвандон (шахсони воқеӣ) ва шахсони ҳуқуқӣ (минбаъд «Суғурташавандагон» номида мешаванд) ба имзо мерасонад. Суғурташавандагон шахсони ҳуқуқӣ шахсони ҳуқуқии ҳар кадом шакли моликияти ташкилӣ-ҳуқуқӣ эътироф мешаванд, Суғурташавандагон шахсони воқеӣ шаҳрвандоне, ки ба синни балоғати комил мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон расидаанд, эътироф карда мешаванд. Илова бар он агар махсус Шартномаи суғурта пешбинӣ намуда бошад, аз рӯи Шартномаи суғурта ба сифати шахсони воқеии масъулияти умумии шаҳрванд доштаи шахсони воқеӣ, метавонанд ҳамаи аъзоёни оилаи Суғурташаванда, аз ин ҷумла фарзандони ноболиғ баромад намоянд.

## 2. МАФҲУМҲОИ АСОСӢ

2.1. Мафҳумҳои асосие, ки дар қоидаи мазкур истифода бурда мешаванд:

- объекти суғурта – манфиатҳои молумулкӣ ё шахсии ғайримолумулкии суғурташаванда, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта, дар шартномаи суғурта пешбинӣ шудаанд;

- ташкилоти суғуртавӣ – шахси ҳуқуқие, ки фаъолияти суғуртавиро дар асоси иҷозатномаи дахлдори мақоми назорати суғуртавӣ ба роҳ мемонад;

- суғурташаванда – шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки бо ташкилоти суғуртавӣ шартномаи суғуртаро бастааст;

- фоидагиранда – шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби суғурташаванда барои гирифтани пардохти суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) дар шартномаи суғуртавӣ таъин шудааст ва дар полиси суғуртавӣ дарҷ гардидааст;

-тарифи суғуртавӣ – арзиши воҳиди рӯйпӯшкунии суғуртавӣ;

- пардохти суғуртавӣ – маблағи пулие, ки аз ҷониби ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртавӣ) ба суғурташаванда (фоидагиранда) дар доираи маблағи суғуртавӣ дар ҳолати рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ба шахси суғурташуда мепардозад;

- мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) – маблағи пулии дар шартнома дарҷшуда, ки онро суғурташаванда уҳдадор аст ба ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) бо тартиб ва дар муҳлатҳои дар шартномаи суғурта муқарраргардида пардохт намояд;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

- маблағи суғуртавӣ – маблағи пулие, ки ба он объекти суғуртавӣ суғурта карда шудааст ва он ҳаҷми ниҳоии масъулияти ташкилоти суғуртавиро (азнавсуғуртакуниро) ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ дар бар мегирад;

- ҳодисаи суғуртавӣ – воқеае, ки ҳангоми рух додани он ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) тибқи қонун ва шартномаи суғурта бояд пардохти суғуртавиро (пардохти ҷуброни суғуртавиро) анҷом диҳад;

- шартномаи суғурта – шартномае, ки тибқи он суғурташаванда уҳдадор аст ҳаққи суғуртавиро мутобиқи шартнома пардохт намояд ва ташкилоти суғуртавӣ уҳдадор аст ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавии бо шартнома пешбинишуда ба суғурташаванда ё шахси сеюм (фоидагиранда), ки ба фоидаи ӯ шартнома баста шудааст, пардохти суғуртавиро (пардохти ҷуброни суғуртавиро) анҷом диҳад;

- полиси суғуртавӣ – ҳуҷҷате, ки воқеияти баста шудани шартномаи суғурта ва тибқи талаботи шартномаи мазкур мавриди амал қарор гирифтани уҳдадориҳои ташкилоти суғуртавиро оид ба пардохти ҷуброни суғуртавӣ (пардохти суғуртавӣ) тасдиқ менамояд;

- франшиза - маблағи аз ҷониби шартномаи суғуртавӣ пешбинишуда дар ҳаҷми муқарраргардида, ки дар ҳудуди он суғуртакунанда аз пардохти суғуртавӣ (пардохти ҷуброни суғуртавӣ) озод карда мешавад.

## 3. ОБЪЕКТҲО ВА СУБЪЕКТҲОИ СУҒУРТА

3.1. Объекти суғурта аз рӯи Қоида манфиатҳои молумулкии Суғурташаванда, ки бо уҳдадориҳои ба миёномадаи вай дар натиҷаи расонидани зарар аз ҷониби шахси сеюм ва дар натиҷаи ин амалӣ шудани хароҷоти иловагӣ аз ҷониби Суғурташаванда дар мавриди пешбурди фаъолият ва / ва ё амалӣ намудани амалҳо дар Шартномаи суғурта (минбаъд «Фаъолияти суғурташуда» ва «Хавфи масъулияти умумии гражданӣ» номида мешавад) ба ҳисоб меравaнд.

3.2. Аз рӯи Шартномаи суғурта метавонад хавфи масъулияти умумигражданӣ суғурта шаванд:

3.2.1. барои зарари ба ҳаёт, саломатӣ ва коршоямии Шахси сеюм(«зарари ҷисмонӣ») расонидашуда;

3.2.2. барои зарари ба молумулки шахси сеюм («зарари молумулкӣ») расонидашуда;

3.2.3. барои зарари ба ҳаёт, саломатӣ, коршоямии Шахси сеюм («зарари ҷисмонӣ ва молумулкӣ») расонидашуда.

3.3. Тибқи Қоидаи мазкур субъектҳои суғурта ин, Суғуртакунанда, Суғурташаванда ва Фоидагиранда мебошанд, ки дар шартномаи суғурта ҳамчун тараф нишон дода шудаанд.

## 4. ҲОДИСАҲОИ СУҒУРТАВӢ

4.1. Аз рӯи Қоидаҳо ба ҳайси ҳодисаи суғуртавӣ расонидани зарар ба ҳаёт, саломатӣ ва молумулки Шахси сеюм аз ҷониби Суғурташаванда (Шахси суғурташуда) дар натиҷаи ҳодисаи пешомада дар давраи амали Шартномаи

ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

суғурта ҳангоми амалинамоии фаъолияти суғурташуда аз ҷониби Суғурташаванда (Шахси суғурташуда), вақте чунин расонидани зарар ба уҳдадории Суғуртакунанда оиди пардохт намудани ҷуброни суғуртавӣ аз рӯи Шартномаи суғурта ба миён меорад, эътироф карда мешавад.

Далели расонидани зарар ба ҳаёт, саломатӣ ва молумулки Шахси сеюм бояд бо қарори қувваи қонунӣ гирифта ва ё даъвои молумулкӣ, ки ба таври расмӣ ба Суғурташаванда мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодшуда тасдиқ карда шавад. Қарори судӣ ва ё даъвои молумулкӣ бояд ба таври расмӣ ба суғурташаванда дар давраи амали Шартномаи суғурта пешниҳод карда шавад, агар Шартномаи суғурта ҳолати дигарро пешбинӣ накарда бошад. Илова бар он Шартномаи суғурта метавонад давраи муайяни вақт бо гузаштани вақти Шартномаи суғурта пешбинӣ намуда бошад, ки дар муддати он Суғуртакунанда танзими қарори судӣ ва ё даъвои молумулкиро бо вобастагӣ бо аз ҷониби Суғурташаванда расонидани зарар ба Шахси сеюм барои баррасӣ қабул менамояд, ба шарте, ки ҳодисае, ки сабаби чунин расонидани зарар гардидааст, дар давраи амали Шартномаи суғурта ҷой дошта бошад.

4.2. Илова бар он дар Қоидаҳои мазкур чунин фаҳмида мешавад:

4.2.1. «зараре, ки аз ҷониби суғурташаванда» расонида шудааст – ҳар кадом зараре, ки масъулият барои он мутобиқи қонунгузорӣ, ки дар ҳудуди суғурта амал менамояд, ба Суғурташаванда вогузор карда мешавад;

4.2.2. «даъвои молумулкии Шахси сеюм оиди ҷуброни зарари аз ҷониби суғурташаванда расонидашуда» – муроҷиати хаттӣ (аз он ҷумла дар шакли даъво), ки бевосита ба суғурташаванда равона карда шудааст, инчунин аризаи шикоятӣ ба суд, ки бо бурҳонҳо оиди далел, сабаб ва ҳаҷми зарар тасдиқшуда ва дар меъёрҳои қонунгузории граждании асосёфта ва дар ҳудуди суғурта амалкунанда шаҳодатдиҳанда;

4.2.3. «ҳолатҳое, ки оиди имконияти ба суғурташаванда пешниҳод намудани талабот аз ҷониби шахси сеюм» шаҳодатдиҳанда – далелҳои хаттии ба Суғуртакунанда пешниҳодшуда, махсусан: маълумотномаҳо, санадҳо, хулосаи мақомоти салоҳиятдор, далелҳои тасдиқкунандаи расонидани зарар аз ҷониби Суғурташаванда ба Шахси сеюм, хусусияти ин зарар ва ҳаҷми он.

4.3. Суғуртанакунии мазкур нисбати ҳар кадом ҳодисаҳое, ки боиси рух додани ҳодисаи суғуртавӣ гардидаанд, ба ҷуз онҳое, ки дар истисноҳо, мутобиқи Қоида номбар шудаанд, гузаронида мешавад.

Расонидани зарар ба якчанд шахс дар натиҷаи таъсири як қатор ҳодисаҳои мунтазам (ва ё дар як вақт) ба миён омада (масалан, сӯхтор, таркиш ва ғ.), ки бо ҳамон як сабаб ба миён омадаанд, ҳамчун як ҳодисаи суғуртавӣ баррасӣ карда мешаванд.

## 5. ХАВФҲОИ СУҒУРТАВӢ

5.1. Уҳдадориҳои Суғуртакунанда, ки дар вобастагӣ бо рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ба вуҷуд омадаанд, ба худ уҳдадорӣ оиди қонеъ кардани чунин талабот дар асоси қарори суд баровардашуда ва ё ба асосноки ба Суғуртакунанда

NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

пешниҳодшударо ворид менамоянд, яъне мутобиқи қонунгузории граждании дар ҳудуди суғурта амалкунанда, даъвои шахси сеюм ба суғурташаванда оиди ҷуброни зарар ҷоиз ба ҷубронбуда мебошанд:

5.1.1 ба ҳаёт ва саломатии шахси сеюм («зарари ҷисмонӣ») расонидашуда;

5.1.2 ба молумулки шахси сеюм («зарари молумулкӣ») расонидашуда;

5.1.3 дар вобастагӣ бо ҷуброни хароҷотҳои зарура ва мақсаднок, ки бо розигии хаттии Суғуртакунанда бо мақсади пешакӣ ошкор кардани ҳолатҳо ва сабабҳои рух додани ҳодисаи суғуртавӣ, муқарар кардани мавҷудият ва шакли гуноҳи Суғурташаванда дар расонидани зарар, инчунин ҳимояи манфиатҳои Суғурташаванда ҳангоми ба вай пешниҳод намудани талабот то интиқоли парванда ба суд ( махсусан, хароҷотҳо барои гузаронидани экспертизаи мустақил ва ғ.) амалишуда;

5.1.4 дар вобастагӣ бо ҷуброни ҳароҷотҳо ва пешбурди парвандаҳо дар мақомоти судӣ аз рӯи ҳодисаҳои суғуртавӣ, ба шарте, ки расонидани парванда то ба суд бо розигии Суғуртакунанда амалӣ шудааст ва ё Суғурташаванда наметавонист интиқоли парванда ба судро пешгирӣ намояд;

5.1.5 дар вобастагӣ бо ворид намудани гарав ва ё дигар маблағҳои пулӣ, ки Суғурташаванда уҳдадор аст бо қувваи қонун, дар асоси қарори суд ва ё дигар мақомоти салоҳиятдор бо мақсади таъмин намудани иҷрои уҳдадориҳо ворид намояд. Нисбати маблағҳои ишорашуда қоидаи пешбининамудаи Қоида амал менамояд;

5.1.6 дар вобастагӣ бо ҷуброни ҳароҷотҳо оиди кам кардани зарар ба Ашхоси севвум, агар чунин хароҷотҳо зарур буданд ва ё барои иҷрои супоришҳои Суғуртакунанда амалӣ карда шуда буданд, ҳатто агар чораҳои мутобиқаткунанда бебарор бошанд ҳам;

5.1.7 дар вобастагӣ бо ҷуброни зарари маънавӣ, аммо танҳо агар имконияти ҷуброни он бевосита аз ҷониби Шартномаи суғурта пешбинӣ шуда бошад ва танҳо дар асоси қарори баровардашуда ва ё қувваи қонунӣ гирифташудаи мақомоти судӣ пешбинӣ шуда бошад.

5.2. Суғуртакунанда ба Суғурташаванда хароҷотҳои дар Қоида овардашуда ҷуброн менамояд, инчунин дар он ҳолатҳое, ки вақте Суғурташаванда дар натиҷаи он ба талаботи беасоси шахси сеюм дучор шудааст, ки дар вобастагӣ бо фаъолияти суғуртавии вай пешниҳод гардидааст.

5.3. Суғурташаванда ва Суғуртакунанда ҳуқуқ доранд дар Шартномаи суғурта истифодаи гуфтугузорҳои меъёрии байналхалқиро пешбинӣ намоянд. Илова бар он дар ҳолати истифодаи гуфтугузорҳои номбурда номгӯи онҳо метавонад дар Шартномаи суғурта бо истифодаи рақамҳои мутобиқаткунанда ва ихтисорҳо, ки дар таҷрибаи байналхалқӣ истифода мешаванд, бо назардошти риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гиранд. Гуфтугузорҳо метавонанд дарбаргирие, ки дар Қоидаҳо истисно шудаанд, пешбинӣ карда шаванд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## 6. ТАРТИБИ МУАЙЯН НАМУДАНИ МАБЛАҒИ СУҒУРТАВӢ

6.1. Маблағи суғуртавӣ маблағест, ки дар ҳудуди он Суғуртакунанда уҳдадор мешавад пардохти суғуртавиро ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ пардохт намояд ва оне ки созишномаи байни Суғурташаванда ва Суғуртакунанда мебошад.

6.2. Ҳангоми бастани Шартномаи суғурта ҳаҷми ҳадди аксари ҷуброни суғуртавӣ аз рӯи як ҳодисаи суғуртавӣ (меъёри ҷуброни суғуртавӣ аз рӯи як ҳодисаи суғуртавӣ) ва ҳаҷми ҳадди аксари ҷуброни суғуртавӣ нисбати ҳамаи ҳодисаҳои суғуртавӣ, ки дар муддати амали Шартномаи суғурта (маблағи суғурта) мувофиқа карда мешаванд.

6.3. Шартномаи суғурта метавонад меъёри ҷуброни суғуртавӣ нисбати расонидани зарар муқарар намояд:

6.3.1. ҳаёт ва саломатии як шахс;

6.3.2. ҳаёт ва саломатии якчанд ашхос;

6.3.3. молумулки ҳар кадом як шахс ва ё шумораи ашхос;

6.3.4. аз рӯи силсилаи зарарҳое, ки аз як ҳодиса бармеоянд.

Шартномаи суғурта метавонад дигар меъёрҳои ҷуброни суғуртавиеро низ пешбинӣ намояд. Суғуртакунанда инчунин ҳуқуқ дорад зермеъёреро муайян намояд, ки ҳадди онро сиёсати андеррайтерии Суғуртакунанда пешбинӣ намудааст ва бо зарурати мувозинат кардани Шартномаи ҷудогона (ва ё) портфели Шартномаҳо пеш омадааст.

6.4. Маблағҳои суғуртавӣ (меъёри ҷуброн) нисбати хароҷотҳое, ки бо қонеъ намудани талаботи асосноки Шахси сеюм нисбати Суғурташаванда, хароҷотҳои Суғурташаванда оид пешбурди парвандаҳо дар мақомоти судӣ оиди ҳодисаҳои суғуртавии эҳтимолшаванда, инчунин хароҷотҳои дигаре, ки дар Қоида оварда шудаанд, бо созиши тарафҳо аз таҷрибаи умумӣ (омор) нисбати ҳаҷми чунин хароҷотҳо муайян карда мешаванд.

6.5. Маблағи суғуртавӣ ба пули миллӣ сомонӣ муқарар карда мешавад.

6.6. Амалигардонии пардохти суғуртавӣ бо асъори хориҷӣ бо тартиби пешбиникардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

## 7. ТАРИФИ СУҒУРТАВӢ

7.1. Меъёрҳои тарофавӣ дар асоси меъёрҳои тарофавии базавӣ бо назардошти шартҳои муайяни суғурта муқарар карда мешаванд.

7.2. Ҳангоми муайян кардани ҳаҷми мукофоти суғуртавӣ, ки ҷоиз ба пардохт ба Суғуртакунанда аз рӯи Шартномаи суғурта мебошад, Суғуртакунанда тарофаҳое, ки бо мақоми назорати суғуртавӣ мувофиқа шудаанд, қабул менамояд, ки дар асоси онҳо аз воҳиди маблағи суғуртавӣ бо назардошти маълумотҳо оиди хусусиятҳо ва дараҷаи хавфи пешниҳоднамудаи Суғурташаванда подош муайян карда мешавад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

7.3. Илова бар он вобаста аз дараҷаи таваккал (категорияи Суғурташаванда, намуди фаъолияти Суғурташаванда, таърихи даъво оиди ҷуброни зарар (таърихи зарарҳо), ҳаҷм, намуд ва сохтори пештар ба вуҷудомадаи зарарҳо, базаи муайян намудани маблағи суғуртавӣ (меъёрҳои ҷуброни суғуртавӣ ва дигар омилҳое, ки аз ҷониби Суғуртакунанда ҳангоми амалӣ кардани сиёсати андеррайтерӣ ва тарофавӣ мавриди истифода қарор дода мешаванд), Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад нисбати меъёрҳои тарофавӣ аз рӯи Шартномаи суғуртаи муайян меъёри ислоҳотӣ (баландкунанда ва / ва ё поёнкунанда) истифода барад. Паст кардан ва ё баландбардории тарифи суғуртавӣ метавонад ҳам аз рӯи тартиби истифодаи коэффисентҳои ислоҳотӣ ва ҳам дар намуди ташаккулдиҳӣ дар асоси нишондиҳандаҳои сабукиятҳо ва иловаҳо ба нишондиҳандаҳои базавӣ амалӣ карда шавад.

## 8. ҲАҚҚИ СУҒУРТАВӢ

8.1. Ҳаҷми мукофоти суғуртавӣ (пардохт барои суғуртанамоие, ки Суғурташаванда уҳдадор аст ба Суғуртакунанда пардохт намояд) дар асоси маблағҳои меъёрҳои тарофавӣ, муҳлати суғурта ва франшизаҳо ҳисоб карда мешавад.

8.2. Ҳангоми суғуртанамоӣ ба муддати камтар аз як сол мукофоти суғуртавӣ дар чунин фоиз аз ҳаҷми солонаи он пардохт карда мешавад: 1 моҳ – 20%, 2 моҳ – 30%, 3 моҳ – 40%, 4 моҳ – 50%, 5 моҳ – 60%, 6 моҳ – 70%, 7 моҳ – 75%, 8 моҳ – 80%, 9 моҳ – 85%, 10 моҳ – 90%, 11 моҳ – 95%.

8.3. Пардохти мукофоти суғуртавӣ метавонад ба таври нақдӣ ва ё ҳисоби ғайринақдӣ амалӣ карда шавад.

8.4. Ҳангоми бастани Шартномаи суғурта ба муддати на камтар аз як сол ба Суғурташаванда метавонад ҳуқуқ барои пардохти мукофоти суғуртавӣ дар якчанд марҳилаҳо (ба таври муҳлатнок), бо қисматҳои баробарҳаҷм ва ё ғайрибаробар (маблағсупориҳо) дошта бошад, илова бар он вай уҳдадор аст мукофоти суғуртавиро аз рӯи тартиб ва муҳлатҳои пешбининамудаи Шартномаи суғурта пардохт намояд.

8.5. Оқибатҳои пардохти ғайрисаривақтӣ ва / ё нопурраи навбатӣ (ба таври муҳлатнок):

8.5.1 Агар дар муддати дар Шартномаи суғурта пешбинишудаи навбатӣ (ба муҳлати ҷудошуда) ҳаққи суғуртавӣ ворид карда нашавад, онгоҳ ба Суғурташаванда давраи имтиёзноке, ки аз 30 (сӣ) руз зиёд нест, пешниҳод карда мешавад, агар Шартномаи суғурта давраи дигарро барои пардохти қарз оиди пардохти ҳаққи суғуртавӣ пешниҳод накарда бошад. Илова бар он Суғуртакунанда ягон зарарҳо (талафот), ки дар натиҷаи рух додани ҳодисаи суғуртавӣ, дар муддати давраи имтиёздор ва то лаҳзаи пардохти қарз оиди супоридани ҳаққи суғуртавӣ аз ҷониби Суғурташаванда, ҷуброн наменамояд.

8.6. Бо супориши хаттии Суғурташаванда мукофоти суғуртавиро метавонад шахси дигар пардохт намояд, илова бар он ягон ҳуқуқ аз рӯи Шартномаи суғурта вай соҳиб намешавад. Дар бораи супориши мазкур

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Суғурташаванда ӯҳдадор аст Суғуртакунандаро бо ирсол намудани тасдиқи ҳуҷҷати барои чунин пардохт хабардор намояд. Суғурташаванда барои амали чунин шахс ҷавобгар аст.

8.7. Агар Шартномаи суғурта пешбинӣ карда бошад, ки мукофоти суғуртавӣ ҷоиз ба ҳисобкунӣ ва пардохт дар асоси ягон нишондиҳандаҳои иловагӣ (шумораи ҳайати кормандон, фонди маош, арзиши маҳсулоти ба фуруш рафта ва ғ.) мебошад, ҳисоби мукофоти суғуртавӣ дар асоси баҳогузории нишондиҳандаҳои мутобиқаткунанда барои давраи пешояндаи суғуртавӣ (сол, семоҳа, моҳ, давраи дигари ҳисоботӣ) амалӣ карда мешавад. Дар ин ҳолат базаи муайян кардани ҳаҷми суғуртавӣ инчунин аз нишондиҳандаҳои ишорашуда вобаста аст.

8.7.1 Бо ба итмом расидани давраи мутобиқаткунандаи суғуртавӣ Суғурташаванда уҳдадор аст ба Суғуртакунанда маълумотҳоро оиди ҳаҷми ҳақиқии нишондиҳандаҳои мутобиқатнакунанда хабар диҳад. Дар асоси ин маълумотҳо аз нав ҳисобкунии мукофоти суғуртавӣ барои давраи гузашта амалӣ карда мешавад, фарқи байни мукофоти суғуртавӣ, ки дар асоси нишондиҳандаҳои ҳақиқӣ ва баҳогузорӣ ҳисоб карда шудаанд, ба ҳисоби мукофоти суғуртавии навбатӣ дар давраи минбаъда гузаронида мешавад ва ё ба Суғурташаванда баргардонида мешавад ва ё ҷоиз ба пардохт аз ҷониби Суғурташаванда дар асоси ҳисоби пешниҳоднамудаи Суғуртакунанда мебошад.

8.7.2 Агар Суғурташаванда ба Суғуртакунанда маълумотҳои ҳақиқиро оиди нишондиҳандаҳое, ки барои аз нав ҳисобкунии подош заруранд саривақтӣ пешниҳод нанамуда бошад, Суғуртакунанда уҳдадор аст ба таври хаттӣ онҳоро аз Суғурташаванда пурсиш намояд. Агар Суғурташаванда дар муддати 25 рӯзи кории минбаъда аз санаи дар пурсиши Суғуртакунанда пешниҳодшуда маълумоти талабшударо пешниҳод нанамояд, амали Шартномаи суғурта қатъ карда мешавад ва Суғуртакунанда аз уҳдадорӣ оиди пардохт намудани ҷуброни суғуртавӣ аз рӯи ҳодисаҳои суғуртавӣ, ки бо гузаштани ин мухлат рух додаанд, озод карда мешавад.

8.7.3 Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад дурустии маълумотҳое, ки аз ҷониби Суғурташаванда пешниҳод карда мешаванд, тафтиш намояд. Суғурташаванда уҳдадор аст ба Суғуртакунанда имконият барои амалӣ кардани чунин тафтишот пешниҳод намояд.

8.7.4 Агар чунин барояд, ки Суғурташаванда ба Суғуртакунанда маълумотҳои нодуруст ва ё нопурра пешниҳод карда бошад, ки ба ҳаҷми мукофоти суғуртавӣ таъсир мерасонанд, Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад ба Суғурташаванда ҳисоб барои мукофоти норасоидошта якҷоя бо илова ба Шартномаи суғурта ирсол намояд.

8.7.5 Мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) бо пули миллии сомонӣ муқарар карда мешавад. Бо созиши тарафҳо дар Шартномаи суғурта мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) метавонад дар ҳаҷми баробарҳаҷми маблағи муайян ба асъори хориҷӣ муайян карда шавад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Ҳангоми суғуртанамоӣ бо баробарҳаҷмӣ асъорӣ мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) бо пули сомонӣ аз рӯи қурби асъори Бонки миллии Тоҷикистон, ки барои асъори хориҷӣ муқарар намудааст, дар санаи пардохт (гузаронидани ҳисоб) пардохта мешавад, агар қурби дигар ва ё санаи дигари он аз ҷониби қонун ва ё созишномаи тарафҳо муқарар нагардида бошад.

## 9. ТАРТИБИ БАСТАН, ИҶРО ВА ҚАТЪ НАМУДАНИ ШАРТНОМАҲОИ СУҒУРТА

9.1. Шартномаи суғурта созишномаест, ки аз рӯи он Суғурткунанда уҳдадор мешавад бар ивази пардохти шарттузорӣ намудаи шартнома (мукофоти суғуртавӣ), дар ҳолати ба Суғурташаванда пешниҳод намудани талабот аз рӯи асосҳои қонунӣ аз шахси сеюм оиди ҷуброни зарари аз ҷониби Суғурташаванда ба саломатӣ, ҳаёт ва / ва ё коршоямии онҳо расонидашуда (зарари ҷисмонӣ) ва / ва ё молумулки (зарари молумулкӣ), ба худ уҳдадорӣ оиди ҷуброни зарари (зарар) ишорашударо гирад, инчунин ҳароҷотҳои Суғурташаванда, ки бо сабаби пешниҳод намудани талабот ба миён омадаанд, дар ҳудуди маблағи муқарарнамудаи Шартномаи суғурта (маблағи суғуртавӣ )амалӣ намояд.

9.2. Суғурташаванда ҳуқуқ дорад Шартнома оиди суғуртанамоии масъулияти умумигражданӣ шахси дигар (минбаъд «шахси суғурташуда» номида мешавад) ба имзо расонад, агар ин ашхос тавонанд масъулияти инфиродӣ барои расонидани зарар бар душ гиранд.

9.2.1 Ҳамаи муқароротӣ Қоидаҳо ва шартҳои Шартномаи суғурта, барои Суғурташаванда ҳатмӣ буда, барои шахси суғурташуда низ ҳатмӣ мебошанд. шахси суғурташуда барои иҷро накардан ва ё ба таври бояду шояд иҷро накардани уҳдадориҳо аз рӯи Қоиаҳо ва шартҳои Шартномаи суғурта баробар бо Суғурташаванда масъулият дорад.

9.2.2 Шахси суғурташуда, ки хавфи масъулияти вай барои расонидани зарар суғурта шудааст, бояд дар Шартномаи суғурта номбар карда шавад, агар ин шахс дар Шартномаи суғурта номбар нашуда бошад, хавфи масъулияти худи Суғурташаванда суғурташуда ҳисобида мешавад.

9.2.3 Суғурташаванда ҳуқуқ дорад, агар ҳолати дигарро Шартномаи суғурта пешбинӣ накарда бошад, дар ҳар кадом вақт то рух додани ҳодисаи суғуртавӣ шахси суғурташударо бо шахси дигар ба таври хаттӣ огоҳ намудани Суғурткунанда оиди он иваз намояд.

9.3. Бастани Шартнома оиди суғуртанамоии Шахси суғурташуда Суғурташавандаро аз иҷрои ӯҳдадориҳои аз рӯи Шартномаи мазкур озод наменамояд, агар танҳо Шартномаи суғурта ҳолати дигарро пешбинӣ накарда бошад ва ё уҳдадориҳое ки бар дӯши Суғурташаванда хобидаанд, аз ҷониби Шахси суғурташуда иҷро нашуда бошанд.

9.4. Шартномаи суғурта ба манфиати Шахси сеюмбасташуда ҳисобида мешавад, ки ба онҳо метавонад зарар расонида шавад (Фоидагирандагон), ҳатто агар Шартнома ба манфиати Суғурташаванда ва ё Шахси дигари суғурташуда

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

басташуда бошад, ки барои расонидани зарар масъулият доранд ва ё дар Шартнома гуфта нашудааст, ки ба манфиати кӣ он баста шудааст.

9.5. Барои бастани Шартномаи суғурта Суғурташаванда ба Суғурткунанда аризаи хаттӣ (суолнома) дар бланкаи шакли муқарарнамудаи Суғурткунанда пешниҳод менамояд. Дар ариза (суолнома) Суғурташаванда ӯҳдадор аст маълумотҳои дақиқ ва пурра оиди объекти суғурта ва маълумоти дигари зарура мутобиқи мушаххасоти бланкаи ариза пешниҳод намояд.

9.6. Дар баробари маълумотҳои пешбининамудаи бланкаи ариза, Суғурташаванда уҳдадор аст инчунин ба Суғурткунанда маълумот оиди ҳолатҳое, ки барои муайян кардани эҳтимолияти рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ва ҳаҷми зарарҳои имкондор аз рух додани он (хавфи суғурта) хабар диҳад.

9.7. Агар баъди бастани Шартномаи суғурта муқарар карда шавад, ки Суғурташаванда маълумотҳои пешакӣ бардуруғ оиди ҳолатҳое, ки барои муайян кардани эҳтимолияти рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ва ҳаҷми зарарҳои эҳтимолӣ аз рух додани он аҳамияти назаррас дошта пешниҳод намудааст. Суғурткунанда ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки Шартнома беэътибор дониста шуда, инчунин истифодаи оқибатҳоро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба истисноии ҳолатҳое ки оиди он Суғурташаванда сукут намудааст, аллакай аз байн рафтаанд, талаб намояд.

9.8. Ҳангоми бастани Шартномаи суғурта Суғурткунанда ҳуқуқ дорад баҳогузории хавфи суғуртаро амалӣ намояд, махсусан, бо хусусиятҳои фаъолияти Суғурташаванда, дар вобастагӣ бо амалӣ намудани он эҳтимол карда мешавад, ки масъулияти вай суғурта карда шавад, шинос шавад.

9.9. Шартномаи суғурта бояд ба таври хаттӣ баста шавад (ба расмият даровarда шавад). Риоя накардани шакли хаттӣ ба беэътибор будани Шартномаи суғурта оварда мерасонад.

Шартномаи суғурта ба таври хатттӣ баста шуда, бо роҳи тартиб додани ҳуҷҷати ягона (Шартномаи суғурта), ки аз ҷониби тарафҳо баста шудааст ва ё аз ҷониби Суғурткунанда ба Суғурташаванда супоридани полиси суғуртавӣ, ки Суғурткунанда имзо намудааст, амалӣ карда мешавад.

9.10. Дар ҳолати гум кардани Шартномаи суғурта дар давраи амали он ба Суғурташаванда дар асоси аризаи хаттӣ нусхаи мутобиқаткунандаи он дода мешавад, баъди он ҳуҷҷати гумшуда бекоршуда ҳисобида шуда, пардохти суғуртавӣ аз рӯи он амалӣ карда намешавад.

9.11. Дар ҳолати ба миён омадани зарурати ба мазмуни Шартномаи суғурта ворид намудани шартҳое, ки аз шартҳои дар Қоидаи суғурта дарбаргирифташуда фарқкунанда, ин дар Шартнома ва ё ба замимаҳои он ворид карда мешавад.

9.12. Шартномаи суғурта метавонад ба ҳар кадом муддати мувофақанамудаи тарафҳо баста шавад.

9.13. Шартномаи суғурта мутобиқи Қоидаҳо кутоҳмуддат ҳисобида мешавад, агар он ба муддати камтар аз як сол баста шуда бошад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

9.14. Агар Шартномаи суғурта ҳолати дигарро пешбинӣ накарда бошад, он аз санаи ибтидои суғурта, ки дар Шартномаи суғурта ишора карда шудааст, қувваи қонунӣ мегирад. Дар Шартномаи суғурта метавонад дигар тарикҳои қувваи қонунӣ гирифтани Шартнома пешбинӣ карда шавад, махсусан аз соати 00 : 00 дақ. аз санаи баъди пардохти мукофоти суғуртавӣ оянда, ки Шартномаи суғурта пешбинӣ намудааст.

9.15. Рӯзи пардохти мукофоти суғуртавӣ чунин ҳисоб карда мешавад:

– ҳангоми пардохт бо пули нақдӣ – рӯзи ворид намудани воситаҳои пулӣ ба хазинаи Суғуртакунанда ва ё пардохт ба намояндаи Суғуртакунанда;

– ҳангоми пардохт ба таври ғайринақдӣ– рӯзи гузаронидани воситаҳои пулӣ ба суратҳисоби Суғуртакунанда.

Далели пардохти мукофоти суғуртавӣ бояд бо ҳуҷҷатҳои мутобиқаткунанда (супоришномаи пардохтӣ, интиқоли почтавӣ, расид) тасдиқ карда шавад.

9.16. Агар баъди бастани Шартномаи суғурта мукофоти суғуртавӣ (ва ё ҳаққи аввалини он) ба Суғуртакунанда дар муддат ва дар ҳаҷми муқарарнамудаи Шартнома пардохта нашавад, Шартномаи суғурта қувваи қонунӣ нагирифта ҳисобида мешавад, илова бар он, агар подош дар ҳаҷми нопурра пардохта шуда бошад, он ҷоиз ба баргардонӣ ба Суғурташаванда мебошад.

9.17. Шартномаи суғурта дар чунин ҳолатҳо қатъ карда мешавад:

9.17.1 ба итмом расидани мӯҳлати амали он;

9.17.2 иҷро кардани ухдадориҳои Суғуртакунанда дар назди Суғурташаванда аз рӯи Шартнома ба таври пурра;

9.17.3 аз ҷониби Суғурташаванда пардохт нагардидани мукофоти суғуртавӣ дар мухлатҳои муқарарнамудаи Шартнома;

9.17.4 барҳамхурии Суғурташаванда, ки шахси ҳуқуқӣ мебошад ва ё марги Суғурташаванда, ки шахси воқеӣ мебошад;

9.17.5 барҳамхурии Суғуртакунанда аз рӯи тартиби муқарарнамудаи санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

9.17.6 қабули қарор аз ҷониби суд оиди беэътитбор донистани Шартномаи суғурта ;

9.17.7 дар ҳолатҳои дигари пешбининамудаи санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

9.18. Суғурташаванда ҳуқуқ дорад аз Шартномаи суғурта дар ҳар кадом вақт даст кашад, агар дар лаҳзаи дасткашӣ имконияти рух додани ҳодисаи суғуртавӣ, аз рӯи ҳолатҳои аз ҳодисаи суғуртавӣ фарқкунанда аз байн нарафта бошад.

Ҳангоми пеш аз мӯҳлат даст кашидани Суғурташаванда аз Шартномаи суғурта ки ба Суғуртакунанда мукофоти суғуртавии пардохтшудаи он ҷоиз ба баргардонӣ нест, агар Шартнома ҳолати дигарро пешбинӣ накарда бошад.

9.19. Суғурташаванда ва Суғуртакунанда ҳуқуқ доранд аз шартномаи суғурта дар ҳар кадом вақт, баробари оиди он огоҳ намудани тарафи дигарро ба таври хаттӣ на кам аз 30 руз то рузи қатъшавии шартномаи суғурта огоҳ намоянд, агар дар шартномаи муқаррароти дигар пешбинӣ накарда бошад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
РАЁСАТИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Дар ҳолати қатъ шудани Шартномаи суғурта бо талаби Суғуртакунанда дар вобастагӣ бо аз ҷониби Суғурташаванда иҷро накардани Шартномаи суғурта ва ё Қоидаи суғурта, Суғуртакунанда ба Суғурташаванда аъзоҳаққиро барои муддати ба итмомнарасидаи Шартномаи бо соқит намудани ҳароҷотҳои амалишуда дар ҳаҷми 25% (бисту панҷ) фоиз бармегардонад.

9.20. Агар Шартномаи суғурта пеш аз мӯҳлат дар вобастагӣ бо он, ки имконияти рух додани ҳодисаи суғуртавӣ қатъ карда шавад ва мавҷудияти хавфи суғуртавӣ аз рӯи ҳолатҳои аз ҳодисаи суғуртавӣ фарққунанда қатъ карда шуда бошад, мутобиқи Кодекси гражданӣ Суғуртакунанда ба қисми мукофоти суғуртавӣ, баробарҳаҷм ба вақте, ки дар муддати он суғуртанамоӣ амал мекард, ҳуқуқ дорад.

## 10. ҲУҚУҚУ УҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

10.1. Суғурташаванда ҳуқуқ дорад:

10.1.1 Бо созиш бо Суғуртакунанда аз рӯи Шартномаи суғурта маблағи суғуртавиро арз намояд;

10.1.2 Аз нав дида баромадани шартҳои Шартномаи суғуртаро ҳангоми гузаронидани чорабиниҳое, ки эҳтимолияти ба миён омадани ҳодисаи суғуртавӣ ва ё ҳаҷми зарари эҳтимолиро дар ҳолати суғуртавӣ пасткунандаро талаб намояд.

10.2. Суғурташаванда уҳдадор аст:

10.2.1 Мукофоти суғуртавиро дар ҳаҷм ва мухлатҳои муқаррарнамудаи Шартномаи суғурта пардохт намояд;

10.2.2 Ба Суғуртакунанда ҳангоми бастани Шартномаи суғурта дар бораи ҳамаи ҳолатҳои ба вай маълум ва барои баҳогузории дараҷаи хавфи суғуртавӣ аҳамияти назаррас дошта, оиди дигар масъулиятҳои амалкунандаи Шартномаҳои суғурта, инчунин оиди ҳар кадом тағийроти дигаршавии дараҷаи хавфи суғуртавӣ хабар диҳад;

10.2.3 Ҷуброни суғуртавиро пардохт нанамояд, қисман ва ё пурра ҳар кадом даъвои ба вай пешниҳодшуда ва ё талаботро эътироф нанамояд, инчунин ба худ ягон ӯҳдадориҳои бевосита ва ё бавосита оиди танзими чунин талабот бе розигии Суғуртакунанда бар дӯши худ нагирад;

10.2.4 Ҳамаи чораҳои имкондор оиди роҳ надодани ба миён омадани ҳодисаи суғуртавӣ, дар вақти ба миён омадани он – ҳамаи чораҳои оқилона ва имкондор оиди кам кардани зарарро андешад.

10.3. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад:

10.3.1 Ҳангоми бастани Шартномаи суғурта бо ҳамаи ҳуҷҷатҳои барои муайян кардани дараҷаи таваккал зарура шинос шавад;

10.3.2 Ба гузаронидани тамийзи талаботи даъвогии ба Суғурташаванда пешниҳодшуда (Шахси суғурташуда) ва ё дигар даъво бо мақсади эътироф кардани ҳодисаи суғуртавӣ;

10.3.3 Бо супориши Суғурташаванда (Шахси суғурташуда) манфиатҳои ӯро бо мақсади ба танзим даровардани даъво ва ё талаботи ба Суғурташаванда (Шахси

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

суғурташуда ) дар вобастагӣ ҳодисаи суғуртавӣ пешниҳодшуда, намояндагӣ намояд;

10.3.4 Аз номи Суғурташаванда (Шахси суғурташуда) гуфтушунид пеш барад ва созишнома оиди ҷуброни зарари бо ҳодисаи суғуртавӣ расонидашуда бандад;

10.3.5 Маълумоти аз ҷониби Суғурташаванда пешниҳодшударо тафтиш намояд, инчунин аз ҷониби Суғурташаванда (Шахси суғурташуда) риоя намудани талабот ва шартҳои Шартномаи суғуртаро тафтиш намояд;

10.3.6 Ба мақомоти мутобиқаткунандаи салоҳиятдор оиди далели рух додани ҳодисаи суғуртавӣ дархост ирсол намояд;

10.3.7 Тағйирдиҳии шартҳои Шартномаи суғурта ва пардохти мукофоти иловагии суғуртавиро талаб намояд, агар тағийрот дар дараҷаи хавфи суғуртавӣ баъди бастани Шартнома ба миёни омада бошад.

10.4. <u>Суғуртакунанда уҳдадор аст:</u>

10.4.1 Суғурташавандаро бо Қоидаи суғурта шинос намуда, ба вай як нусхаи онро пешниҳод намояд;

10.4.2 Дар ҳолате аз ҷониби Суғурташаванда (шахси суғурташуда) гузаронидани чорабиниҳое, ки имконияти паст кардани хавфи рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ва ҳаҷми зарари эҳтимолиро медиҳанд, аз рӯи аризаи Суғурташаванда Шартномаи суғуртаро бо назардошти ин ҳолатҳо дигар намояд;

10.4.3 Махфияти маълумоти сирри тиҷориро ташкилдиҳандаро таъмин намояд.

10.5. Шартномаи суғурта метавонад ҳуқуқу уҳдадориҳои дигаре, ки ба қонунгузории амалкунанда мухолифат намекунанд, муқарар карда бошад.

10.6. <u>Баъди он ки ба Суғурташаванда оиди расонидани зарар ба шахси сеюм маълум гардид, вай ӯҳдадор аст:</u>

10.6.1 Дар муддати 2 (ду) рӯзи корӣ оиди он Суғуртакунандаро бо ҳар кадом воситаи алоқаи оперативӣ ва ё бевосита хабардор намояд. Хабар бояд минбаъд (дар муддати 48 соат) ба таври хаттӣ тасдиқ карда шавад.

10.6.2 Уҳдадории ишорашуда аз ҷониби Суғурташаванда ба таври бояду шояд иҷрошуда ҳисобида мешавад, агар хабар бо назардошти мушаххасоти почтавии Суғуртакунанда, инчунин номгуй ва рақами факси қисмати сохтории Суғуртакунанда, ки ба он ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ муроҷиат намудан лозим аст, мутобиқи маълумот дар Шартнома амалӣ шуда бошад.

10.6.3 Фавран оиди расонидани зарар ба мақомоти салоҳиятдори мутобиқаткунанда хабар диҳад.

10.6.4 Бе интизор шудани ба ҷои расонидани зарар омадани намояндаи Суғуртакунанда ва ё кормандони мақомоти салоҳиятдор маълумоти дастраси пешакиро нисбати сабабҳо ва ҳолатҳои расонидани зарар ҷамъ намояд. Масалан, санад дар шакли ихтиёрӣ бо иштироки намояндагони маъмурияти маҳаллӣ, намояндагони дигар мақомоти расмӣ , инчунин бо иштироки шоҳидони (шоҳидон) ҳодисаи суғуртавӣ ташкил намояд ва онро ба Суғуртакунанда бо

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

мақсади тафтишоти минбаъдаи дуруст ва объективона ба таври расмӣ интиқол диҳад.

10.6.5 Чораҳои ақлона ва дастрасро дар ҳолати бавуҷудомада оиди пешгирӣ ва ё кам кардани зарар, наҷот додани ҳаёт ва молумулки ашхоси ҷабрдида андешида бошад. Баробари андешидани чунин чораҳо, Суғурташаванда бояд супоришҳои Суғуртакунандаро риоя намояд, агар онҳо ба Суғурташаванда хабар дода шуда бошанд.

10.6.6 Ба Суғуртакунанда аризаи хаттӣ аз рӯи шакли муқараршуда оиди пардохти ҷуброни суғуртавӣ бо замима кардани маводҳои мавҷуда пешниҳод намояд.

10.6.7 Фавран Суғуртакунандаро хабардор намояд:

10.6.8 оиди оғоз кардани парвандаи судӣ дар вобастагӣ бо расонидани зарар, гузаронидани тафтишот аз ҷониби мақомоти салоҳиятдор, гузоштани ҳабс ба молумулк, гузаронидани дигар амалҳои мурофиавӣ;

10.6.9 оиди ҳамаи талаботҳои хусусияти молмумулкӣ дошта, ки ба Суғурташаванда дар вобастагӣ бо расонидани зарар пешниҳод шудаанд. Ҳангоми гирифтани чунин талабот аз шахси ҷабрдида Суғурташаванда ӯҳдадор аст ба ин шахс шартҳое, ки ба онҳо таваккал суғурта шудааст, инчунин зарурати ҷавоб додан ба дархостҳои Суғуртакунанда оиди пешниҳоди ҳуҷҷатҳое, ки барои гузаронидани тафтишоти ҳодисаи суғуртавии Суғуртакунанда, инчунин зарурати иштироки Суғуртакунанда дар мавриди азназаргузаронии молумулки заррардида ва ё баҳогузории зарари расонидашударо шарҳ диҳад;

10.6.10 оиди пешниҳоди аризаи даъвогӣ аз ҷониби ҷабрдида ба суд. Дар чунин ҳолат Суғурташаванда бо хоҳиши Суғуртакунанда ӯҳдадор аст ба шахси ишоранамудаи Суғуртакунанда ваколатнома оид ҳуқуқи намояндагӣ намудани Суғурташаванда дар раванди судӣ бо ҳамаи салоҳиятҳои мурофиави зарура , пешниҳод намояд.

10.6.11 Бе розигии Суғуртакунанда талаботи дар вобастагӣ бо расонидани зарар пешниҳодшударо эътироф нанамояд, ба худ ягон ӯҳдадориҳоро оиди танзими чунин талабот қабул нанамояд, инчунин ягон пардохт ба шахси сеюмдар вобастагӣ бо рух додани ҳодисаи суғуртавӣ амалӣ нанамояд.

10.6.12 Ба Суғуртакунанда дар мавриди ҳимояи судӣ ва ғайрисудӣ дар вобастагӣ бо баррасӣ кардани ҳолатҳои расонидани зарар мусоидат намояд.

10.6.13 Ба Суғуртакунанда тамоми маълумоти мавҷуда ва ҳуҷҷатҳое, ки дар бораи сабабҳо, хусусият ва ҳаҷми зарари расонидашуда, аз он ҷумла ҳуҷҷатҳое, ки аз мақомоти салоҳиятдори давлатӣ гирифта шудаанд., пешниҳод намояд.

10.6.14 Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад аз Суғурташаванда дигар ҳуҷҷатҳоро низ талаб намояд, агар бо назардошти ҳолатҳои муайяни расонидани зарар, набудани онҳо дар Суғуртакунанда муқарар кардани далели расонидани зарар ва муайян кардани ҳаҷми он ғайриимкон мегардонад (ва ё хеле мураккаб мегардонад). Уҳдадории исбот кардани зарурати чунин маълумот, ҳангоми ба миён омадани баҳс ба Суғуртакунанда вогузор карда мешавад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

10.7. Уҳдадории дар б.10.6. Қоида овардашуда, инчунин ба шахси Суғурташуда вогузор карда мешавад, ки ба он оиди бастани Шартномаи суғурта ба манфиати вай маълум аст, агар вай аз ҳуқуқ барои ҷуброни суғуртавӣ барқасдона истифода бурда бошад.

10.8. Агар Суғурташаванда кадоме аз уҳдадориҳои худ ки дар б.10.6. Қоида оварда шудаанд, вайрон намояд, Суғуртакунанда аз уҳдадории пардохт намудани ҷуброни суғуртавӣ то он ҳадде, ки ин боиси ба миён омадан ва ё болоравии ҳаҷми зарар гардидааст, озод карда мешавад.

10.9. <u>Ҳангоми гирифтани аризаи Суғурташаванда оиди расонидани зарар Суғуртакунанда ӯҳдадор аст:</u>

10.9.1 Тамийзи ҳодисаи суғуртавиро гузаронад, сабабҳо ва ҳаҷми зарари расонидашударо муқарар намояд;

10.9.2 Санади суғуртавӣ тартиб диҳад;

10.9.3 Пардохти суғуртавиро дар муддати муқарарнамуда амалӣ намояд, ҳангоми набудани асос барои ин–ба Суғурташаванда хулосаи асоснок оиди даст кашидан аз пардохти суғуртавӣ ирсол намояд.

10.10. <u>Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад:</u>

10.10.1 Аз номи ва бо супориши Суғурташаванда нисбати амалҳои бо ҷуброни суғуртавии зарари ба Фоидагиранда расонидашуда баромад намояд;

10.10.2 Бо супориши Суғурташаванда ба худ пешбурди парвандаҳо дар мақомоти судӣ аз номи вай гирад, инчунин аз номи вай ариза нисбати талаботҳои даъвогии пешниҳодшуда пешниҳод намояд. (Аммо ин амали Суғуртакунанда наметавонад ҳамчун эътирофи ӯҳдадории худ оиди пардохти ҷуброни суғуртавӣ баҳогузорӣ карда шавад).

10.11. Агар Суғурташаванда розигӣ надиҳад ва ё бо тариқи дигар ба Суғуртакунанда дар амалинамоии амалҳои дар б.10.10. Қоидаҳо пешбининамуда мамониат намояд, Суғуртакунанда аз ӯҳдадории пардохт намудани ҷуброни суғуртавӣ то ба он ҳадде, ки чунин амали Суғурташаванда ба болоравии зарар оварда расонида шудааст, озод карда мешавад.

## 11. МУАЙЯН НАМУДАНИ ҲАҶМИ ЗИЁН Ё ЗАРАР

11.1. Ҳаҷми ҷуброни суғуртавӣ дар асоси маблағи суғуртаӣ барои расонидани зарар ба Фоидагирандаи муайян (Фоидагиранда), ки бо қарори суд барои ҷуброн аз Суғурташаванда супорида шудааст, муайян карда мешавад. Илова бар он Суғуртакунанда танҳо он қисми ҷуброни барои ситонидан супоридашуда, ки талафоте (зарарҳо), ки натиҷаи бевоситаи зарар мебошанд, ва аз ҷониби Суғурташаванда дар натиҷаи фаъолияти суғурташуда расонида шудааст, месупорад.

Агар ҳолати дигар дар Шартномаи суғурта пешбинӣ карда нашуда бошад, ҳаҷми ҷуброни суғуртавӣ мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

11.2. Ҳангоми танзими ғайрисудии даъво оиди расонидани зарар, ҳаҷми ҷуброни суғуртавӣ дар асоси маблағи суғуртаӣ аз ҷониби Суғуртакунанда ҷоиз ба пардохт аз ҷониби Суғурташаванда ҷуброни барои расонидани зарар эътирофшуда, муайян карда мешавад.

11.3. Дар ҳар кадом ҳолат ҳаҷми зарари ба Шахси сеюмрасонидашуда чунин муайян карда мешавад:

11.4. Барои молумулки нуқсондоршуда, нобудшуда (зарари ба молумулки шахси сеюм расонидашуда – «талафоти молумулкӣ») – дар ҳаҷми арзиши ҳақиқии молумулки нобудшуда ва ё дар ҳаҷми арзиши барқароршудаи молумулки нуқсондоршуда, агар чунин молумулк барқарор карда шавад;

Агар Шартномаи суғурта васеъкунии дарбаргирии суғуртавӣ ва барои талаботи Шахси сеюм оиди ҷуброни даромади аз дастрафта мувофиқи Қоида суғурта пешбинӣ гардида бошад, онгоҳ ҷуброн дар таркиби зарари молумулкӣ ҷоиз ба ҷуброн мебошад, инчунин даромаде, ки ҳуҷҷатан тасдиқ шуда, ба талаботи Шахси севвум мутобиқат менамояд ва ба суғурташаванда арз шудааст.

11.4.1. Барои зараре, ки ба ҳаёт ва саломатии шахси севвум расонида шудааст(«талафоти ҷисмонӣ»):

– дар ҳаҷми даромади аз даст рафта, инчунин ҳароҷотҳои иловагӣ оиди барқароркунии саломатӣ (аз он ҷумла табобат, ғизогирии иловагӣ, харидани доруворӣ, протезкунӣ, нигоҳубини беруна, табобати санаторӣ-курортӣ, харидани воситаҳои нақлиётии махсус, омодакунӣ ба касби дигар, ба шарте, ки чунин ҳароҷотҳои иловагӣ дар вобастагии бевоситаи сабабӣ-натиҷавӣ бо зарари ба саломатии Шахси севвум расонидашуда) қарор дорад – барои ҳолатҳои расонидани иллат ва ё нуқсондоршавии саломатӣ; ва ё

– дар ҳаҷми даромади миёнаи моҳона (даромад) то гирифтани иллат ва нуқсондоршавии дигари саломатӣ ва ё то гум кардани коршоямии касбии ҷабрдида, ки ба дараҷаи гум кардани коршоямии касбӣ мутобиқат менамояд, ҳангоми набудани коршоямии касбӣ – дараҷаи гум кардани коршоямии умумӣ – барои ҳолатҳои гум кардани коршоямӣ дар натиҷаи расонидани зарар ба саломатии Шахси севвум;

– дар ҳаҷми даромади миёнаи моҳонаи ҷабрдида ба сифати кумакпулӣ оиди марги нафақадеҳ барои кӯдакони ноболиғ ва / ва ё аъзоёни корношоями оила, ки дар зери сарпарастии ҷабрдида қарор доранд, аммо на зиёда аз ҳаҷми меъёри ҷуброни суғуртавӣ, ки аз рӯи намуди мазкури ҷуброни суғуртавӣ ишора гардидааст, инчунин дар ҳаҷми ҳароҷотҳо барои гӯрӯчӯбкунӣ – барои ҳолатҳои марги Шахси севвум.

Дар Шартномаи суғурта метавонад намудҳои дигари ҳароҷотҳо, ки ҷоиз ба ҷуброни мутобиқи қонунгузории амалкунанда макони расонидани зарари ҷисмонӣ пешбинӣ карда шуда бошанд.

## 12. ТАРТИБИ МУАЙЯНКУНИИ МАБЛАҒИ ПАРДОХТИ СУҒУРТАВӢ (ПАРДОХТИ ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ)

12.1. Агар дар Шартномаи суғурта ҳолати дигар пешбинӣ нашуда бошад, Суғуртакунанда пардохти суғуртавиро дар муддати 30 (си) рӯзи корӣ аз санаи

NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

ворид шудани ариза аз Суғурташаванда (Шахси суғурташуда ва ё Фоидагиранда) оиди рух додани ҳодисаи дорои аломатҳои ҳодисаи суғуртавӣ буда, бо замимаи ҳамаи ҳуҷҷатҳои заруран пешбининамудаи Қоидаҳо ва Шартномаи суғурта амалӣ менамояд. Равиши муддати мӯҳлати дар боло ишорашуда танҳо баъди бевосита аз ҷониби Суғуртакунанда гирифтани ҳуҷҷати охирини зарура, ки он далели рух додани ҳодисаи суғуртавӣ инчунин ҳаҷми ҷуброни суғуртавиро тасдиқ менамояд, шуруъ мешавад.

12.1.1 Ҳаҷми ҷуброни суғуртавӣ аз ҷониби Суғуртакунанда дар асоси ҳуҷҷатҳои аз ҷониби Суғурташаванда (Шахси суғурташуда) пешниҳодшуда, инчунин дигар ҳуҷҷатҳои пурсишшуда ва аз ҷониби Суғуртакунанда мустақилона гирифташуда, мустақилона муқарар карда мешавад.

12.1.2 Мӯҳлати эътироф кардани ҳодиса ҳамчун ҳодисаи суғуртавӣ ва амалӣ кардани пардохти суғуртавӣ метавонад ҳангоми мавҷудияти ҳолатҳое, ки барои санҷиданашон муҳлати муайян пешбинӣ шудааст, тамдид карда шавад.

12.2. Ҳангоми ихтилофот нисбати ҳаҷми зарари аз ҷониби Суғурташаванда ҷуброншаванда, дигар ҳолатҳои расонидани зарар, онҳо метавонанд аз ҷониби комиссияи мустақили тамийзӣ аз шумораи баробари намояндагон аз ҷониби Суғурташаванда ва Суғуртакунанда ташкил карда мешавад, муайян карда мешавад.

12.3. Хароҷотҳое, ки дар вобастагӣ бо иҷрои ӯҳдадорӣ оиди натҷотдиҳии ҳаёт, саломатӣ ва ё молумулки шахси сеюм вобаста ба Суғурташаванда ҷуброн карда мешаванд, ҳатто агар хароҷотҳои мазкур натиҷаи самараноки мусбӣ надода бошанд ҳам.

12.4. Аз ҷониби Суғуртакунанда ҷуброни намудани ·хароҷотҳои бо қонеъ намудани талаботи асоноки шахси сеюм вобаста ба Суғурташаванда, хароҷотҳои Суғурташаванда оиди пешбурди парвандаҳо дар мақомоти судӣ аз рӯи ҳодисаҳои суғуртавии эҳтимолӣ, инчунин дигар хароҷотҳое, ки дар б.5.1. Қоидаҳо оварда шудаанд, наметавонанд ба таври умум аз маблағҳои мутобиқаткунандаи хароҷотҳо, ки дар Шартномаи суғурта муқарар карда шудаанд, зиёд бошанд.

Ҷуброни зарари маънавӣ истисноан дар асоси қарори баровардашуда ва қувваи қонунӣ гирифтаи мақомоти судӣ дар ҳаҷми дар қарор ишорашуда, аммо дар ҳар кадом ҳолат на зиёда аз маблағи суғуртавӣ (меъёри ҷуброни суғуртавӣ), ки дар категорияи мазкури зарар ишора шудааст, амалӣ карда мешавад.

12.5. Дар ҳолате, ки агар дар Шартномаи суғурта франшиза муқарар карда шуда бошад, пардохти ҷуброни суғуртавӣ бо назардошти франшиза амалӣ карда мешавад.

12.6. Агар Суғурташаванда (Шахси суғурташуда) ҷуброни суғуртавиро барои расонидани зарар аз ашхоси дигар гирифта бошад, Суғуртакунанда танҳо фарқи байни маблағи аз рӯи шартҳои Шартномаи суғурта ҷоиз ба пардохт буда ва маблағи аз ашхоси дигар гирифташударо пардохт менамояд. Суғурташаванда ӯҳдадор аст фавран Суғуртакунандаро оиди гирифтани чунин маблағҳо хабардор намояд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

12.7. Дар он ҳолатҳое, ки вақте зарари расонидашуда аз ҷониби ашхоси дигар ҷуброн карда шавад, Суғуртакунанда танҳо фарқи байни маблағи ҷуброни суғуртавӣ, ки аз рӯи Шартномаи суғурта ҷоиз ба пардохт мебошад ва маблағи аз ҷониби ашхоси дигар ҷубронщуда, ба истисноиі маблағҳои барои ҷуброни зарар пардохтшаванда аз маблағҳои аз рӯи Шартномаи мазкур зиёдро пардохт менамояд, ба шарте, ки ба чунин пардохт наметавонад ҳуқуқи суброгатсияи Суғуртакунанда равона карда шуда бошад. Суғурташаванда ӯҳдадор аст Суғуртакунандаро оиди пардохтҳои ҷуброни суғуртавии аз ҷониби шахсони дигар амалигардида, ки ба вай маълум гардидааст, хабар диҳад.

12.8. Агар Суғурташаванда дар асоси иҷрои қарори суд ба Фоидагиранда ҷуброни зарари то пардохти ҷуброни суғуртавӣ расонидашударо аз рӯи Шартномаи суғурта амалӣ гагрдонида бошад, онгоҳ ҷуброни суғуртавӣ мутобиқи шартҳои Қоидаҳо ба Суғурташаванда дар ҳудуди ҷуброни зарари амалинамудаи вай пардохт карда мешавад.

12.9. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад бо мақсади гузаронидани тафтишоти дохилӣ нисбати далел, сабабҳо, ҳолатҳои рух додани ҳодисаи дорои аломатҳои ҳодисаи суғуртавӣ буда, инчунин муайян кардани ҳаҷми ҷуброни суғуртавӣ эътирофи ҳодисаро ҳамчун ҳодисаи суғуртавӣ, мутобиқатан пардохти ҷуброни суғуртавӣ ба таъхир гузорад, , агар:

12.9.1 бо ташаббуси Суғурташаванда (Шахси суғурташуда) тамийзи иловагии сабабҳо ва ҳолатҳои расонидани зарар гузаронида шудааст. Илова бар он муддати пардохти ҷуброни суғуртавӣ ба давраи вақте, ки дар муддати он тамийз гузаронида шудааст, зиёд карда мешавад;

12.9.2 аз рӯи далели расонидани зарар парвандаи ҷиноӣ оғоз карда шудааст ва ё раванди судӣ оғоз карда шудааст – то қабули қарори мутобиқаткунанда аз ҷониби суд ва ё муқарар кардани ҳолатҳое, ки барои қабули қарори оиди пардохти суғуртавӣ мамониат накунанда.

12.10. Суғурташаванда, Шахси суғурташуда ва Фоидагиранда, ки ҷуброни суғуртавиро аз Суғуртакунанда гирифтаанд, ӯҳдадоранд ба Суғуртакунанда маблағи гирифтаи ҷуброни суғуртавиро (ва ё қисми мутобиқаткунандаи онро) баргардонанд, агар дар муддати пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муддатҳои даъво, ҳолатҳое ошкор карда шаванд, ки аз рӯи қонун ва ё аз рӯи Қоидаҳои мазкур пурра ва ё қисман онҳоро аз ҳуқуқ барои ҷуброни суғуртавӣ маҳрум намоянд.

12.11. Агар Шартномаи суғурта ҳолати дигарро пешбинӣ накрада бошад, ҳангоми суғуртанамоӣ бо асъорӣ баробарҳаҷми пардохти суғуртавӣ ба пули тоҷикии сомонӣ аз рӯи қурби асъори Бонки миллии Тоҷикистон, ки барои асъори мутобиқаткунанда пешбинӣ шудааст, дар санаи рух додани ҳодисаи суғуртавӣ амалӣ карда мешавад.

Илова бар он бо мақсади амалӣ кардани назорат аз болои хавфи асъорӣ Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад маҳдудкуниро нисбати бузургии тағийроти қурби асъоре, ки Суғуртакунанда ба сифати барои истифодаи суғурта бо асъорӣ

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

баробарҳаҷм имкондор истифода мебарад, ҳамзамон чунин маҳдудкунӣ ба таври мутобиқ ба Шартномаи суғурта мавриди истифода қарор диҳад.

Истифодаи чунин маҳдудкунӣ чунин маънӣ хоҳад дошт, ки ҳангоми ҳисоб кардани маблағи пардохти суғуртавӣ шарт оиди пардохт аз рӯи қурби асъори муқарарнамудаи Бонки Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолате истифода мешавад, ки агар қурби дар Шартномаи суғурта муқарарнамудаи асъор аз қурби ҳадди аксар барои пардохт зиёд набошад. Зери қурби ҳадди аксар барои пардохт қурбе фаҳмида мешавад, ки бо асъори муқаррарнамудаи Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар санаи гузаронидани мукофоти суғуртавӣ мутобиқат менамояд ва ба 1% (як фоиз) барои ҳар як моҳ (аз он ҷумла нопурра) зиёд карда шудааст, ки аз лаҳзаи гузаронидани подош гузаштааст, агар Шартномаи суғурта маҳдудкуни дигарро пешбинӣ накарда бошад.

Агар қурби асъори хориҷӣ, ки Бонки миллии Тоҷикистон муқарар намудааст, аз қурби ҳадди аксар зиёд бошад, ҳаҷми пардохти суғуртавӣ дар асоси қурби ҳадди аксар муайян карда мешавад.

Дар ҳолатҳои иҷозатдодаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, пардохти ҷуброни суғуртавӣ бо асъори хориҷӣ амалӣ карда мешавад.

## 13. ҲОЛАТҲОИ РАД КАРДАНИ ПАРДОХТИ СУҒУРТАВӢ (ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ)

13.1. Ҳодиса ба ҳайси ҳодисаи суғуртавӣ эътироф карда намешавад ва Суғуртакунанда аз пардохти ҷуброни суғуртавӣ даст мекашад:

13.1.1. Агар зарар дар натиҷаи чунин ҳолатҳо расонида шуда бошад:

– қасди Суғурташаванда (Шахси суғурташуда) ва ё намояндагони вай;

– барои истифодабарӣ корношоям будани мошинаҳо (асбобҳо, таҷҳизотҳо ва ғ.) ки ба Суғурташаванда (Шахси суғурташуда) ва ё намояндаҳои вай то шурӯъ кардани истифодабарии он маълум буд;

– идоракунии мошина (асбобҳо, таҷҳизотҳо ва ғ.) бе хабардоркунии Суғурташаванда (Шахси суғурташуда ) , дар ҳолати надоштани ҳуқуқ ба чунин идоракунӣ;

– амалӣ кардани фаъолияти суғурташуда баробари вайрон кардани талаботи қонунгузорӣ, ки фаъолияти мазкурро ба танзим медарорад;

– қарор доштани намояндаи Суғурташаванда (Шахси суғурташуда), ки машинаро (асбобҳо, таҷҳизотҳо ва ғ.) дар ҳолати мастии алкогол, нашъа, токсикӣ идора менамояд ва ё интиқол додани идоракунӣ ба ашхоси дигаре, ки дар чунин ҳолат қарор доранд;

Аммо Суғуртакунанда аз пардохти ҷуброни суғуртавӣ барои расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатии шахсони воқеӣ озод намегардад, агар хавфи мазкур аз ҷониби Шартномаи суғурта пешбинӣ шуда бошад ва зарар бо гуноҳи Суғурташаванда (Шахси суғурташуда), ки барои расонидани зарари мазкур масъул аст, расонида шуда бошад.

13.1.2. Агар Суғурташаванда ва (ва ё) Шахси суғурташуда барқасдона Суғуртакунандаро ҳангоми муайян кардани сабабҳо ва дигар ҳолатҳои

ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

расонидани зарар ва / ва ё ҳаҷми зарари расонидашуда гумроҳ намудаанд, дар натиҷаи он ҷуброни суғуртавӣ беасос ва ё пардохт гардидааст ва ё дар ҳаҷми калон назар ба зарари расонидашуда муайян карда шуда пардохта шудааст ва ё нисбати шахсоне пардохта шудааст, ки ба манфиати онҳо Шартномаи суғурта набояд иҷро карда шавад.

13.2. Ҳодиса ба ҳайси ҳодисаи суғуртавӣ эътироф карда намешавад ва Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад аз пардохти суғуртавӣ дар ҳолатҳои тағийроти назаррас аз ҷониби Суғурташаванда (Шахси суғурташуда) фаъолияти суғурташуда бе розигии пешакии хаттии Суғуртакунанда барои давом додани муносиботи шартномавӣ амалинамуда, даст кашад.

13.3. Суғуртакунанда аз ҷуброни зарар озод карда мешавад:

13.3.1 дар натиҷаи он, ки Суғурташаванда (Шахси суғурташуда) барқасдона чораҳои оқилона ва дастрасро барои паст кардани зарари расонидашуда наандешидашуда, расонидашуда;

13.3.2 ба Фоидагиранда, агар зарар пурра аз ҷониби ашхоси дигар, назар ба Суғурташаванда (Шахси суғурташуда), ки барои расонидани зарар гунаҳкоранад, ҷуброн карда шуда бошад.

13.4. Даст кашидани Суғуртакунанда оиди амалӣ намудани пардохт метавонад дар суд шикоят оварда шавад.

## 14. ФРАНШИЗА

14.1. Дар Шартномаи суғурта метавонад франшиза (шартӣ ва ё ғайришартӣ) пешбинӣ шуда бошад.

Ҳангоми франшизаи шартӣ Суғуртакунанда аз масъулият барои зарар озод карда мешавад, агар ҳаҷми он аз франшиза зиёд набошад.

Ҳангоми франшизаи ғайришартӣ масъулияти Суғуртакунанда бо ҳаҷми зарар бо соқит кардани франшиза муайян карда мешавад.

Франшиза бо созиши тарафҳо ҳангоми бастани Шартномаи суғурта дар намуди фоизӣ нисбати маблағи суғуртавӣ ва ё дар бузургии мутлақ муайн карда мешавад.

14.2. Ҳар кадом меъёри масъулият аз рӯи Шартномаи суғурта аз маблағи франшиза зиёд муқарар карда мешавад, ки ба маблағи меъёри масъулияти Суғуртакунанда ворид намешавад.

## 15. ТАҒИЙРЁБИИ ДАРАҶАИ ТАВАККАЛ

15.1. Дар давраи амали Шартномаи суғурта Суғурташаванда ӯҳдадор аст фавран ба Суғуртакунанда оиди тағийротҳои назарраси нисбати ҳолатҳои ба Суғуртакунанда ҳангоми бастани Шартнома хабардодашуда ва ба вай маълумшуда хабар диҳад, агар ин тағийрот тавонад ба таври арзишнок ба баландшавии хавфи суғуртавӣ (тағийрёбии ҳолатҳо арзишнок ҳисобида мешавад, агар вақте онҳо то он дараҷае дигар шудаанд, ки агар тарафҳо метавонистанд онҳоро ба таври оқилона пешбинӣ намоянд, Шартнома умуман аз ҷониби онҳо

NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

баста намешуд ва ё аз рӯи шартҳои ба таври назаррас фарққунанда баста мешуд) таъсир расонанд.

15.2. Тағйироти назаррас ин ҳар кадом тағйироте эътироф карда мешавад, ки дар маълумотҳо дар Шартномаи суғурта ишора шудаанд (мавҷуданд), ариза барои суғуртанамоӣ, инчунин дигар ҳуҷҷатҳое, ки ба Суғуртакунанда ҳангоми бастан ва иҷрои Шартномаи суғурта пешниҳод гардидаанд (интиқол дода шудаанд). Ҳуҷҷатҳои дар боло ишорашуда қисми ҷудонопазири Шартномаи суғурта мебошанд. Ба чунин ҳолатҳо аз он ҷумла (аммо бе маҳдудият) васеъкунӣ, диверсификатсия ва ё тағйирёбии соҳаи фаъолияти Суғурташаванда (Шахси суғурташуда), ки дар Шартномаи суғурта ишора шудаанд, ворид мешаванд.

15.3. Баъди гирифтани маълумот оиди болоравии хавфи суғуртавӣ Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад тағйирот дар шартҳои Шартномаи суғурта ва ё пардохти мукофоти иловагии суғуртавиро баробарҳаҷм ба болоравии таваккал талаб намояд.

15.4. Агар Суғурташаванда муқобили тағйироти шартҳои Шартномаи суғурта ва ё иловатан супоридани мукофоти суғуртавӣ эътироз намояд, Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад бекор кардани Шартномаро аз рӯи тартиби пешбининамудаи қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб намояд. Махсусан, созишнома оиди бекор кардани Шартнома дар ҳамон шакле, ки Шартнома тартиб дода шудааст амалӣ карда мешавад, ӯҳдадориҳои тарафҳо аз лаҳзаи бастани созишнома оиди бекор кардани Шартнома қатъ карда мешавад, ҳангоми бекор кардани он аз рӯи тартиби судӣ– аз лаҳзаи қувваи қонунӣ гиирифтани қарори суд оиди бекор кардани Шартнома қатъ карда мешавад. Тарафҳо ҳуқуқ надоранд бозгашти он чиро ки аз ҷониби онҳо аз рӯи ӯҳдадориҳо то лаҳзаи бекор кардани Шартнома иҷро карда шудааст талаб намоянд, агар аз ҷониби қонун ҳолати дигар пешбинӣ нагардида бошад.

15.5. Агар Суғурташаванда ба Суғуртакунанда оиди тағйиротҳои назаррас дар мавриди ҳолатҳое, ки ҳангоми бастани Шартнома хабар дода шудааст, хабар надиҳад, онгоҳ мутобиқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад бекор кардани Шартнома ва ҷуброни зарарҳое, ки бо бекор кардани Шартнома вобастаанд, талаб намояд. Суғуртакунанда ҳуқуқ надорад бекор кардани Шартномаи суғуртаро талаб намояд, агар ҳолатҳое, ки сабаби болоравии хавфи суғуртавӣ гардидаанд, аллакай аз байн рафта бошанд.

## 16. СУҒУРТАНАМОИИ ДУКАРАТА (БИСЁРКАРАТА)

16.1. Суғурташаванда ва Фоидагиранда ӯҳдадоранд ба таври хаттӣ Суғуртакунандаро оиди ҳамаи Шартномаҳои суғурта, ки нисбати суғуртакунии манфиатҳои молумулкӣ баста шудаанд ва Қоидаҳо пешбинӣ намуда, бо ширкатҳои дигари суғуртавӣ басташуда хабар диҳанд. Илова бар он Суғурташаванда ӯҳдадор аст номгӯи дигар ширкатҳои суғуртавӣ, манфиатҳои молумулкии суғурташуда, таваккалҳои суғуртавӣ ва ҳаҷми маблағҳои суғуртавиро ишора намояд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

16.2. Агар дар лаҳзаи рух додани ҳодисаи суғуртавӣ нисбати манфиатҳои молумулкии суғурташуда инчунин Шартномаҳои суғуртаи дигар аз рӯи таваккалҳои ҳаммонанд ба маблағе, ки ба таври умум аз ҳаҷми маблағи умумии аз рӯи Шартномаи суғурта муқарарнамуда зиёд амал намоянд, Суғуртакунанда ҷубронро барои талафот дар ҳаҷми баробарҳаҷм нисбати маблағи суғуртавӣ аз рӯи Шартномаи бастаи Суғуртакунанда нисбати маблағи умумӣ аз рӯи ҳамаи Шартномаҳои аз ҷониби Суғурташаванда басташуда манфиатҳои молумулкии суғурташуда пардохт менамояд.

16.3. Агар бастани якчанд Шартномаҳои суғурта нисбати манфиатҳои молумулкии суғурташуда аз рӯи таваккалҳои ҳаммонанд (бо Шартнома бо Суғуртакунанда), натиҷаи қасд аз ҷониби Суғурташаванда бошад, Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад беэътибор эътироф кардани Шартнома ва ҷуброни зарарҳои бо ин роҳ ба Суғуртакунанда расонидашударо талаб намояд.

16.4. Меъёри агрегатии ягонаи масъулияти Суғуртакунанда, ки нисбати тамоми намудҳои манфиатҳои молумулкӣ истифода мешавад, ҳар кадом меъёрҳои ҷудогонаи ҷуброн, ки дар ҳар кадом иловаҳо ба Шартномаи суғурта ишора шудаанд, нигоҳдориҳои худии Суғурташаванда ва меъёрҳои мукофоти суғуртавӣ, ба ҳиссаи садфоизаи масъулияти Суғуртакунанда аз рӯи Шартномаи суғуртаи басташуда мансубанд.

## 17. ШАРТҲОИ ДИГАР

17.1. Қоидаҳои мазкур шартҳоро муайян наменамоянд, ба масъулияти суғуртавӣ ҳангоми аз ҷониби Суғурташаванда амалӣ намудани фаъолияти касбӣ истифода намешаванд ва паҳн намегарданд (суғуртанамоии масъулияти касбӣ), инчунин намудҳои дигари масъулияте, ки мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаҳои дигари (намудҳо) суғурта мутобиқи гуруҳбандии амалкунанда мансубанд ва метавонанд аз рӯи намудҳои ҷудогонаи Қоидаҳо ва Шартномаҳои суғурта (суғуртанамоии масъулияти соҳибони воситаҳои нақлиёта ғ., аз он ҷумла, дар ҳаҷми истисноҳо аз дарбаргирии суғуртавӣ ишорашуда) суғурта карда шаванд.

17.2. Ҳангоми бастани Шартномаи суғурта аз рӯи шартҳое, ки дар Қоидаҳои суғурта дар бар гирифта мешаванд, ин шартҳо қисми ҷудонопазири Шартномаи суғурта ва барои Суғурташаванда ва Суғуртакунанда ҳатмӣ мегарданд. Суғурташаванда ва Суғуртакунанда ҳуқуқ доранд ҳар кадом иловаҳои дигар, истисноҳо, аниқнамоиҳо ба Шартномаи суғурта, ки ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ихтилоф намекунанд, мувофиқа намоянд, аз матни Шартномаи суғурта муқарароти ҷудогонаи Қоидаҳои суғурта, ки ба Шартномаи суғуртаи муайян мансуб нестанд, баробари мустаҳкам намудани он дар Шартномаи суғурта истино намоянд.

17.3. Шартҳое, ки дар Қоидаҳои суғурта дарбар гирифта шудаанд ва ба матни Шартномаи суғурта ворид нагардидаанд, барои Суғурташаванда (Фоидагиранда) ҳатмӣ мебошанд, агар дар Шартномаи суғурта бевосита ба истифодаи чунин Қоидаҳо ишора шуда бошад ва худи Қоидаҳо дар як ҳуҷҷате

ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

бо Шартномаи суғурта ва ё дар тарафи дигари он ифода ёфтаанд ва ё ба он замима шудаанд. Дар ҳолати охирон ба Суғурташаванда супоридани Қоидаҳои суғурта ҳангоми бастани Шартномаи суғурта бо сабт дар шартномаи суғурта тасдиқ карда мешавад.

17.4. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад дар асоси Қоидаҳои суғурта Шартҳои полисӣ ва ё Иқтибосҳо аз Қоидаҳои суғурта, барномаҳои суғуртавӣ, нисбати навъи муайяни (намуд) Шартномаҳои суғурта, ки дар асоси Қоидаҳои суғурта баста шудаанд ва ба Суғурташавандаи муайян ва ё гуруҳи Суғурташавандагон равона шудаанд ва инъикоскунандаи шартҳои суғурта мебошанд, ташаккул диҳад, маҳз: субъектҳо ва объектҳои суғурта, номгӯи ҳодисаҳои суғуртавӣ, мӯҳлат ва тартиби пардохти мукофоти суғуртавӣ (аъзоҳаққиҳои суғуртавӣ), мӯҳлати амали Шартномаи суғурта, тартиби муайян кардани ҳаҷми пардохти суғуртавӣ, муқарароти дигар, – то ба он ҳадде, ки он ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қоидаҳои суғурта мухолифат нанамояд. Чунин Шартҳои полисӣ ва ё Иқтибосҳо аз Қоидаҳои суғурта ба Шартномаи суғурта замима мешаванд ва қисми ҷудонопазири он мебошанд. Дар ҳолати истифодаи Шартҳои полисии суғурта ва ё Иқтибосҳо аз Қоидаҳои суғурта шартномаи суғурта аз Полиси Суғуртавӣ ва Шартҳои полисӣ ва ё Иқтидосҳо ва Қоидаҳои суғурта иборат аст, ки ба онҳо бояд истиноди мутобиқаткунанда дар Полиси суғурта карда шавад ва онҳо қисми ҷудонопазири Шартномаи суғурта мебошанд.

17.5. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад ба гурӯҳҳои Шартномаҳои якхела, ки дар асоси шартҳои Қоидаҳои суғурта баста мешаванд, то он ҳадде, ки он ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунад ва аз рӯи тартибе, ки он аз ҷониби меъёрҳои қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, номҳои маркетингӣ диҳад.

17.6. Суғуртакунанда ҳуқуқ надоранд маълумоҳои дар натиҷаи фаъолияти касбии худ дар бораи Суғурташаванда, Фоидагиранда маълумшуда, инчунин дар бораи вазъи молиявии он ашхос ифшо намояд. Барои вайрон кардани сирри суғурта Суғуртакунанда вобаста аз навъи ҳуқуқҳои вайроншуда ва хусусията вайрон кардани он аз рӯи тартиби пешбининамудаи меъёрҳои қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар аст.

## 18. ТАРТИБИ ҲАЛЛИ БАҲСҲО

18.1. Даъво аз рӯи талаботҳое, ки аз Шартномаи суғурта бармеоянд, метавонад дар муддати амали мӯҳлати мурури давъво, ки қонунгузории амалкунанда муқарар намудааст, пешниҳод карда шавад.

18.2. Агар баъди ба итмом расидани тафтишоти худи Суғуртакунанда аз пардохти зарар даст кашад, ки он ба ақидаи Суғурташаванда, зери шартҳои Шартномаи суғурта меафтад, онгоҳ бо талаби Суғурташаванда баҳс аз ҷониби мақомоти судии салоҳиятдор баррасӣ карда мешавад.

18.3. Суғуртакунанда ва Суғурташаванда дар мавриди Шартномаи суғуртаи муайян ва ё гурӯҳи Шартномаҳои суғурта метавонанд шартҳои махсуси зери баррасии суди буда, ки аз Шартномаҳои суғурта бармеоянд, то он ҳадде, ки ин ба

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ҳуқуқи воқеии байналхалқӣ мухолифат наменамояд, баррасӣ намоянд.

## 19. ШАРТҲОИ МАХСУС

19.1. Мувофиқи Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қоидаҳои мазкур дар шартномаи суғуртаи басташаванда бо созиши Тарафҳои Шартнома метавонад шартҳои махсус, ки аз шартҳои Қоидаҳои мазкур фарқкунанда илова карда шаванд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Замимаи №2
ба Қоидаи суғуртаи ихтиёрии ҷавобгарии
граждании ҳуқуқи дар назди шахсони сеюм

**НАМУНА**

Эзоҳ: Ҳуҷҷати мазкур ҳамчун намуна ба ҳисоб меравад. Суғуртакунанда ҳуқук дорад дар шакл ва матни намуна тағйирот ва иловаҳо, ки ба Қоидаи суғуртавӣ ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунад, ворид намояд.

## ПОЛИСИ СУҒУРТАВӢ

**Суғуртаи ихтиёрии ҷавобгарии граждании ҳуқуқӣ дар назди шахсони сеюм**

**Силсила:__________ Рақам:__________**

**хиёбони Рудакӣ 127 МС «Рудаки Плаза», ут. 501-502**

E-mail: info@spitameninsurance.tj тел. (44) 610 79 97/ (44) 601 79 97

| | | |
|---|---|---|
| Суғуртакунанда: | | |
| Суғурташаванда: | | |
| Суроғаи Суғурташаванда: | | |
| Объекти суғурта: | | |
| Фоидагиранда: | | |
| Андозаи маблағи суғурта: | Бо рақам _______ **сомонӣ** | Дастнавис/Прописью (_______________ _______________) **сомонӣ** |
| Тарифи суғурта: | _______% | _______________ |
| Андозаи ҳаққи суғурта: | Бо рақам _________**сомонӣ** | Дастнавис (_______________ _______________) **сомонӣ** |
| Тартиб ва мухлати пардохти суғурта: | **Накди/Ғайри накди** | |
| Тартиби ворид намудани тағйироту иловаҳо дар полис: | Бо дархости хаттии Суғурташаванда (Суғурташуда). | |
| Тартиб ва мухлати пардохти суғурта: | **Мӯҳлати ____ рӯзи корӣ** | |
| Худуди фаъолияти суғурта: | | |
| Франшизаи (шарти/**ғайришартӣ**) : | **Барои хамаи хавфхо – _____%** | |
| Рӯзи додани полиси суғуртавӣ: | «____» __________ _____ **сол** | |
| Мухлати амали полиси суғурта: | **аз «_____»__________ _____сол то «_____»__________ _____сол** | |

**СУҒУРТАКУНАНДА:**
**ҶСДММ «Спитамен Суғурта»**

**СУҒУРТАШАВАНДА:**
Бо қоидаҳои суғуртакуни шинос шудам.

**Директор**

ч.м. _______________ имзо

_______________ имзо

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Замима
ба Қоидаҳои суғуртаи ихтиёрии
ҷавобгарии гражданию ҳуқуқӣ дар назди шахсони сеюм

# ШАРТНОМАИ

суғуртаи ихтиёрии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқӣ дар назди шахсони сеюм
Силсила: ____________ Рақам:____________

Ҷамъияти суғуртавии дорои масъулияташ маҳдуди «Спитамен Суғурта» (минбаъд «Суғуртакунанда» номида мешавад) дар шахсияти ____________ *(вазифа пурра ному насаби намояндаи ваколатдори Сугуртакунанда)*, ки дар асоси ____________________ *(оиннома, рақам ва санаи ваколатнома)*, амал мекунад, аз як тараф, ва ____________ (минбаъд «Суғурташаванда» номида мешавад) дар шахсияти, ки дар асоси ____________________ *(оиннома, рақам ва санаи ваколатнома)* амал мекунад, аз тарафи дигар, Тарафҳо номида мешаванд, дар асоси Шартҳои дар «Қоидаҳои суғуртаи ихтиёрии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқӣ дар назди шахсони сеюм» мавҷуда аз «____» ______________ с. (минбаъд «Қоида» ва ё «Қоидаи суғурта» номида мешавад), Шартномаи мазкурро (минбаъд «Шартнома» ва ё «Шартномаи суғурта» номида мешавад) оиди зайл ба имзо расониданд.

## 1. МАВЗӮИ ШАРТНОМА

1.1 Мавзӯи Шартномаи мазкур суғуртаи ӯҳдадории Суғурташаванда дар ҳолати ба вай аз ҷониби ашхоси севвум пешниҳод намудани даъво оиди ҷуброни зарари (зиён) ҳангоми корҳои иҷронамудаи вай, хизматрасониҳои пешниҳоднамудаи вай ________________________________________суғурташуда мебошад.

## 2. ШАРТҲОИ СУҒУРТА

2.1. Аз рӯи Шартномаи суғурта Суғуртакунанда ҳимояи суғуртавиро дар ҳолати ба Суғурташаванда пешниҳод намудани даъво оиди ҷуброни зарарҳое (зиён):

2.1.1. ба ҳаёт ва саломатии Ашхоси севвум расонидашуда («зарари ҷисмонӣ»);

2.1.2. ба молу мулки Ашхоси севвум («зарари молумулкӣ») расонидашуда;

2.1.3. дар алоқамандӣ бо ҷуброни хароҷоти зарура ва мақсаднок, бо розигии хаттии Суғуртакунанда бо мақсадҳои ошкор намудани пешакии ҳолатҳо ва сабабҳои рух додани ҳодисаи суғуртавӣ, муқарар намудани мавҷудият ва шакли гуноҳи Суғурташаванда дар расонидани зарар, инчунин ҳимояи манфиатҳои Суғурташаванда ҳангоми ба вай талабҳои пешниҳод гардида то интиқоли парванда ба суд (махсусан, хароҷот барои гузаронидани тамийзи мустақил ва ғ.);

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

2.1.4. дар алоқамандӣ бо ҷуброни хароҷотҳо барои пешбурди парвандаҳо дар мақомоти судӣ аз рӯи ҳодисаҳои суғуртавӣ, ба шарти, он ки то ба суд расонидани парванда бо розигии Суғуртакунанда амалӣ карда шуда бошад ва ё интиқоли парванда ба суд аз ҷониби Суғурташаванда ногузир бошад;

2.1.5. дар алоқамандӣ бо ворид намудани гарав ё маблағҳои пулии дигар, ки Суғурташаванда ӯҳдадор аст бо қувваи қонун, дар асоси қарори суд ё дигар мақомоти салоҳиятдор бо мақсадҳои иҷро кардани ӯҳдадориҳо ба ворид намудани онҳо ӯҳдадор аст.

2.1.6. дар алоқамандӣ бо ҷуброни хароҷотҳо оиди кам кардани зарари шахсони сеюм, агар чунин хароҷотҳо зарурат доштанд ё барои иҷрои дастурҳои Суғуртакунанда амалӣ шуда буданд, агар ҳатто ҷораҳои мутобиқаткунанда бенатиҷа бошанд;

2.1.7. дар алоқамандӣ бо ҷуброни зарари маънавӣ, аммо танҳо агар имконияти ҷуброни онро Шартномаи суғурта пешбинӣ карда бошад ва танҳо дар асоси қарори қувваи қонунӣ гирифтаи мақомоти судии салоҳиятдор амалӣ шуда бошад.

2.2.Ӯҳдадории Суғуртакунанда танҳо ба ҳодисаҳои суғуртавие, ки дар давраи амали Шартнома рух додаанд, паҳн мешавад.

2.3. Ҳадди ҷавобгарии Суғуртакунанда аз рӯи Шартнома маблағи суғуртавӣ мебошад.

2.4. Аз рӯи Шартнома маблағи суғуртавӣ ва маблағҳои ҳудудии пардохти ҷуброни суғуртавӣ (лимитҳои ҷавобгарии Суғуртакунанда) аз рӯи ҳар як ҳодисаи суғуртавӣ бо чунин ҳаҷмҳо муқарар карда мешавад:

- Маблағи суғуртавӣ: ____________________________ сомонӣ
- Лимити ҷавобгарӣ: ____________________________ сомонӣ

2.5. Франшиза ______________________________ (шакл, % ё сомонӣ)

2.6. Тарифи суғуртавӣ _____________________________% (аз воҳиди маблағи суғуртавӣ).

2.8. Ҳаққи суғуртавӣ ____________________________сомонӣ.

## 3. ҲУҚУҚУ ӮҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

3.1.Ҳуқуқу ӯҳдадориҳои тарафҳо дар банди 10 қоидаҳои суғуртавӣ ишора гардидааст.

## 4. ТАРТИБИ МУАЙЯН НАМУДАНИ ҲАҶМИ ЗАРАР ВА ПАРДОХТИ СУҒУРТАВӢ (ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ)

4.1.Тартиби муайян намудани ҳаҷми зарар ва пардохти суғуртавӣ дар Қоидаи суғуртавӣ ишора гардидааст.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## 5. МӮҲЛАТИ АМАЛИ ШАРТНОМА

5.1.Шартнома ба қувваи қонунӣ медарояд аз «____» ______________ с. ба шарте, ки пардохтӣ мукофоти суғуртавиро (ҳаққи суғуртавиро) ба мӯҳлате, ки дар банди 2.8. Шартномаи суғуртавӣ дарҷ гардидааст, ва таъсир мегардад то «____» ______________ с.

## 6. ШАРТҲОИ ИЛОВАГӢ

6.1.Қоидаҳо суғуртаи ихтиёрии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқӣ ба Суғурташаванда супорида шудаанд.

| СУҒУРТАШАВАНДА | СУҒУРТАКУНАНДА |
| --- | --- |
| ____________________ | ____________________ |

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT